# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-005 дар назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович "Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон", ки барои ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) пешниҳод шудааст**

Мавзӯи диссертатсионии Солиҳов С.Т., ки ба таҳқиқи масъалаҳои иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон бахшида шудааст, дар шароити кунунии ҷумҳурӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи тағйирёбии ҷамъият дар фазои пасошуравӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ниҳодҳо ва сохторҳои нав ба вуҷуд омаданд, вазъияти гурӯҳҳои иҷтимоӣ низ куллан тағйир ёфт, ки он аз микдори даромад, тарзи ҳаёт, дастрасии таҳсилоти босифат, усулҳои бо кортаъминкунӣ ва тайёрии насли наврас ба ҳаёти мустақилона вобаста мебошад. Низоми қаблии арзишҳо тағйир ёфтанд, вале низоми нави арзишҳо дар раванди ташаккулёбӣ қарор дошта, барои самти худмуайянкунии ҷавонон дар шароити муосир нақши муайян мебозанд, бинобар ин ҳам, ҷараёни иҷтимоишавии онҳо бе масири муайяншуда ташаккул меёбад.

Тағйиротҳои дар ҷомеа ба амал омада, боиси тезутундгардии мушкилоти иҷтимоӣ аз қабили: афзоиши бекорӣ, сатҳи пасти маош, нафақа, ба табақаҳои мухталиф тақсимшавии ҷамъият гардиданд. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои иҷтимоӣ, омилҳои объективию субъективӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои иҷтимоишавии шахс масъалаи рӯзмарраи замони муосир мебошад.

Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки аввалин маротиба дар илми сотсиологияи Тоҷикистон хусусиятҳои иҷтимоишавии шахс, тамоюл ва худмуайянкунии насли наврас дар ҷомеаи Тоҷикистон вобаста ба шароити иҷтимоӣ – иқтисодии гурӯҳои иҷтимоӣ ва қишрҳои он таҳқиқ

гардида, назарияҳо ва равишҳои илмии он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифт.

Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф имконият медиҳнад, ки ба раванди иҷтимоишавии шахс дар шароити муосири ҷумҳурӣ баҳогузорӣ карда шуда, барои пешгирии таъсири манфӣ ва тақвият додани сиёсати иҷтимоии давлат дар самти иҷтимоишавии шахс ва худмуайянкунии насли наврас дар ҷомеаи Тоҷикистон роҳ ва воситаҳои такмили он мусоидат менамоянд.

Этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда шудаанд. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзуъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷи ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

Саҳми унвонҷӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия зоҳир мегардад.

2.Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои муайян намудани масъалаҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангии иҷтимоишавии шахс ва худмуайянкунии насли наврас ва тақвият додани сиёсати иҷтимоии давлат дар самти омода намудани шароити мусоид барои иҷтимоишавии шахс мусоидат карда метавонанд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3.Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои

диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-уми декабри соли 2021, таҳти № 351 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти № 5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**4.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таълимоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

**5.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Солиҳов С.Т. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

**6.** Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Солиҳов С.Т. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович “Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори

1. иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ дар Шурои дессертатсионии 6D.KOA-005–и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Мукарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Х.У.

- номзади илмҳои сотсиологӣ, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Таваллоев М.Т.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таъйин карда шавад

**Раиси комиссия:**

Муминов А. И. -доктори илмҳои фалсафа, дотсент

**Аъзои комиссия:**

Маҳмадҷонова М.Т. - доктори илмҳои фалсафа, дотсент

Амонова Д.С. - доктори илмҳои иқтисод, доттсент